**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, робитаи адабӣ.- Душанбе, 2023., 171 саҳ.**

Ба назар чунин мерасад, ки баробари дигар шудани сохтори ҷомеа, баъзе меъёрҳои шинохти адабиёт ва ҳунар аҳамият ва ҷойгоҳи худро тағйир медиҳанд. Дар ин росто, назари муҳаққиқони адабиёти муосир ва нақди адабӣ нисбат ба осори гузашта ва имрӯза ва ҳатто меъёри шинохти онҳо дар заминаи арзишҳои миллӣ вижагии тоза касб мекунад. Ин шаҳодат бар он аст, ки аҳли сухан ва адаб дар замони Истиқлол нисбат ба замони шуравӣ дидгоҳи илмию эҷодии худро фарохтар намуда, биниши илмии худро бо донишҳои муосири илмӣ мутобиқ карда истодаанд. Бинобар ин, айни замон дар бораи дастовардҳои адабиёт сухан ба миён овардан аз муҳаққиқони имрӯз масъулияти баланд ва дидгоҳи тозаи пажӯҳиширо тақозо менамояд. Ин нукта ишора бар он аст, ки осори таҳқиқию пажӯҳишии гузаштаи на чандон дури муҳити адабии гузаштагонамонро, ки дар асоси арзишҳои даврони шуравӣ шинохта шудаанд, чун қонуниятҳои асосии таҳқиқ пазируфта, роҳи минбаъдаи илму адаби миллиро такя бар меъёрҳои илмии онҳо муайян намудаанд. Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар рисолаи таърихии худ «Адабиёти садаи бисти тоҷик» аз муҳаққиқониояндаи илму адаби тоҷик даъват намудаанд, ки дастовардҳои адабию илмии даврони шуравиро дар заминаи арзишҳои миллӣ бори дигар аз дидгоҳи нав ва биниши тоза дар баррасиҳои илмӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дода бошанд.

Осори эҷодӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар таърихи адабиёти тоҷик мақому манзалати худро дошта, он дар ташаккул ва рушди муҳити илмию адабии Тоҷикистони шуравӣ ва баъди он аҳамияти бузургеро соҳиб мебошад. Ҳасан Ирфон бо осори тарҷумонии худ адабиёти ҷаҳонро ба рӯйи хонандаи тоҷик боз карда, дар ин замина мактаби тарҷумонии худро дар ин муҳити адабӣ ба мерос гузоштааст, ки то имрӯз мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши аҳли сухан қарор дорад. Мутаассифона, солҳои охир доир ба Ҳасан Ирфон ва мактаби тарҷумонии ӯ дар тадқиқоту ҳамоишҳои илмӣ камтар сухан меравад,

зеро дар ин муддат асарҳои тарҷумавӣ дар муҳити адабии мо аҳамияти худро аз даст додааст. Барои ба вуҷуд овардани муҳити адабии миллӣ ва роҳ ёфтан ба адабиёти муосири ҷаҳон ба аҳли илму адаб зарурат пеш меояд, ки аз нав ба таҷрибаи эҷодию тарҷумонии Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҳасан Ирфон, Э. Муллоқандов, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва даҳҳо қаламкашони соҳибҳунар, ки маҳорати эҷодии худро дар кори тарҷумонӣ санҷида мавриди истиқболи гарми хонандаи тоҷик қарор гирифтаанд, муроҷиат намоянд.

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар партави ҳамин гуна ҳадафҳо таҳия гардида, дар муайян намудани фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар ин замина ташаккули накди адабии солҳои 70-90-уми садаи XX тадкиқоти пурарзиш ва муҳим мебошад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки Ҳасан Ирфон аз зумраи барҷастатарин адибони даврони шуравӣ буда, бахше аз мутолиоти он ба масоили тарҷума ва асарҳои бадеӣ- адабӣ ихтисос дода шуда, мунаққидон ва муҳаққиқони он замон дар баррасии осори ӯ икдом намуда, ҳанӯз дар замони зиндагиаш накди осори ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик оғоз шуда буд. Пажӯҳиш ва омӯзиши осори ин адиби тозаназарро дар солҳои 30-70-уми садаи XX мавриди пажӯҳиш ва омӯзиш қарор додани муҳаққиқ Боронов У.Х. бесабаб набуда, он аз фаъолияти босамари Ҳасан Ирфон дар бахши тарҷума ва осори эҷодии ӯ шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқ бо мушоҳидаҳои дақиқ ва мубоҳисаҳои хеле муҳим арзиши илмию фарҳангии осори адабию тарҷумонии Ҳасан Ирфонро ба риштаи таҳқиқ кашида, онро яке аз дастовардҳои асосии ҳаёти адабӣ ва манбаи муҳимми шинохти афкори адабӣ ва тарҷумонӣ дар он солҳо меҳисобад. Баъзе паҳлӯҳои мавзӯи мавриди назар дар рисолаву мақолоти баъзе муҳаққиқон ба назар расад ҳам, вале гузориши масъалаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва назарӣ дар адабиётшиносии даврони Истиқлолият муҳим мебошад. Муҳаққиқ осори ин нависандаи эҷодкорро давоми минбаъдаи мактаби адабии устод Айнӣ дар солҳои минбаъдаи таърихи адабиётшиносии тоҷик медонад.

Дар адабиётшиносии муосири масъалаҳои накди адабии тоҷик бори аввал дар асоси маводи маҷаллаи «Раҳбари дониш» (1927-1932) мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, мақоми таърихи адабиёт ва равандҳои адабӣ дар он солҳо муқаррар карда шудааст.

Ҳасан Ирфон дар солҳои 30-70-уми садаи XX масоили муҳимтарини замони худро мавриди омӯзиш ва ҷустуҷӯ қарор дода, барои муайян намудани моҳияти рӯйдодҳои адабию иҷтимоии даврон талош намуда, ба майдони эҷод ворид мегардад, ба-дин тариқа ҷиҳати пешрафти адабиёт, барои вазифаҳои иҷтимоии худро иҷро намудан фаъолона мубориза мебарад. Ин гуна иқдомоти шоиста дар фаъолияти эҷодию тарҷумонии адиб, хосатан дар бахши нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ метавонад барои ба вуҷуд омадани мактаби илмию пажӯҳишӣ мусоидат намояд.

Дар диссертатсия вобаста ба дигаргуниҳои таърихию адабӣ баррасии ҳамаҷонибаи моҳияти иҷтимоию эстетикии адабиёт дар мисоли эҷодиёти Ҳасан Ирфон ба назар гирифта шудааст, ки ин гуна равиши таҳқиқ муҳаққиқро ба шинохти воқеии равандҳои илмию адабӣ дастёб намудааст. Ба назари инҷониб, муҳаққиқро шояд лозим меомад, ки ҳар гуна дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабиро табақабандӣ намуда, онҳоро дар муайян намудани ҳудуди давраҳои инкишофи фаъолияти ин адиби сермаҳсул ҳамчун меъёри асосӣ истифода менамуд. Бо вуҷуди ин, муҳокима ва мушоҳидаҳо муҳаққиқро водор намудааст, ки тарзу усули ҳалли масоили мавриди таҳқиқро бо дарназардошти дастовардҳои тозаи афкори таърихию адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккули равандҳои адабӣ, аз ҷумла нақди адабӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои хоси онҳоро муайян намояд, ки инро яке аз дастовардҳои муҳимми рисолаи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарини рисолаи мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ бори аввал дар заминаи осори Ҳасан Ирфон дар солҳои 30-70-уми садаи XX, масъалаҳои умумии назарии нақди адабии тоҷик дар ҳудуди давраи мушаххас, нақди назму наср, жанрҳо ва сабкҳои адабиро таҳлилу баррасӣ намуда, ба натоиҷи хеле назаррас дастёб гардидааст.

Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёти, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба осори насрӣ ва фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон ва саҳми ӯ дар рушду такомули тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи

диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намуааст, ки «Тарҷумаи бадеӣ дар солҳои 30-юми асри XX ва баъд аз он ба василаи аввалин хидматҳои мутарҷимон, ки Ҳасан Ирфон низ дар ин саф буд, ба инкишофи адабиёти миллӣ, бахусус насри тоҷикӣ ва ташаккули шахсиятҳои миллӣ мусоидат намуда, дар шаклгирӣ ва таҳаввули насри нави тоҷикӣ нақши созанда гузошт. Ба ин тартиб, дар ҷараёни инкишофи тарҷумаи тоҷикӣ дар қатори устод С.Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҳошим, Ҳаким Карим, Ҳабиб Аҳрорӣ ва дигарон Ҳасан Ирфон низ саҳми шоиста гузоштааст.

Ҳанӯз аз оғози фаъолияти эҷодӣ осор ва ҳунари нигориши Ҳасан Ирфон таваҷҷуҳи адабиётшиносону мунаққидони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб карда, хушбахтона, чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам зоҳир мешавад ва паҳлӯҳои норавшану таҳқиқнашудаи рӯзгору осори Ҳасан Ирфон мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор мегирад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст осори ба шакли ёддошт таълифнамуда ва фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар ин самт, муҳтаво ва забону сабки тарҷумаҳои адиб руҷуъ шудааст. Дар рисолаи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович таҳқиқи осори насрӣ ва фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон аз нигоҳи шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, забону сабки нигориш, ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамчун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми рисола «**Зиндагинома ва осори Ҳасан Ирфон**» унвон дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Муҳаққиқ дар ин боб масоили муҳимтарини рӯзгор ва осори ин адиби сермаҳсулро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ дар ин боб кӯшидааст, зиндагӣ ва ҷараёни фаъолияти эҷодӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфонро дар вобастагии якдигар тадқиқ намояд ва масъаларо дар робита ба дигар ҳамқаламони адиб мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳад. Вале ба назари инҷониб, маҳдудияти андеша ба муҳаққиқ имкон надодааст, ки ҷанбаҳои мусбати замони зиндагии адибро дар танзими равандҳои пажӯҳишӣ, таҳқиқи арзишҳои илмию эҷодӣ ва вижагиҳои хос пайдо намудани нақди адабӣ ҳамаҷониба дида тавонад.

Дар ин боб муҳаққиқ фаъолияти тарҷумонии адибро хеле густурда ба муҳокима мекашад ва Ҳасан Ирфонро аз авввалин муҳаққиқони тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷик меҳисобад ва ба хулоса меояд, ки «мақолаи ӯ «Ба назари ман» консепсияи хоси андешаву орояшро оид ба мушкилоти назарӣ ва амалии тарҷумаи тоҷикӣ ифода мекунад» [С.12.].

Боби дуюми рисола «**Саҳми Ҳасан Ирфон дар инкишофи насри тоҷик**» унвон дошта, дар он масоили равиши нақди мавзуиву ғоявӣ ва жанрӣ, хусусиятҳои бадеии насри муосири тоҷик ва нақди он мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки дар давраи мавриди назар осори бадеии адиб бештар аз назари мавзуъ

мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ин раванд дар солҳои 70-80-уми қарни XX ба як анъанаи нақди адабӣ расида буд. Дар ин боб муҳаққиқ дар баробари хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеӣ ва махсусиятҳои жанрӣ ва бадеии осори адибро баррасӣ намудан, масъалаи хусусияти жанрии романи «Дар кулбаи косибон»-ро ба риштаи баҳс мекашад.

Боби сеюми рисола «**Нақш ва ҷойгоҳи тарҷумаи бадеӣ дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон**» унвон дошта, он аз баррасии масоили осори адибони ҷаҳон дар тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон ва махсусиятҳои сабкии тарҷумаҳои адиб иборат буда, тамоюлҳои ғоявию иҷтимоии осори тарҷумашуда, қаҳрамони насри бадеӣ ва мушаххасоти он, нақди ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва сабки нависандагон иборат мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ ба сабку услуби тарҷумаҳои адиб дахл намуда, тарҷумаи эҷодии ӯро дар ин боб аз назари меъёрҳои адабию ва услубҳои забонӣ таҳқиқ менамояд.

**Хулосаи диссертатсияи** Боронов Умедҷон Хуҷамуродович фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, муҳаққиқ бояд ба фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон бештар аҳамият дода, ҷойгоҳи Ҳасан Ирфонро дар адабиёти тоҷик ҳамчун тарҷумон муайян менамуд.

2. Дар рисола ҳанӯз ба кадом жанр мутобиқат намудани асари «Дар кулбаи косибон» ва дигар асарҳои Ҳасан Ирфон муайян нашудааст, гарчанде муҳаққиқ дар ин масъала маводи бештар ва басандаеро мавриди баҳс қарор додааст.

3. Аз маводи таҳқиқии боби сеюм бармеояд, ки Ҳасан Ирфон аз тарҷумонҳои аввалин ва сермаҳсул дар адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Ба муҳаққиқ лозим меомад, ки ба фаъолияти тарҷумонӣ ва сифати тарҷумаҳои адиб бештар имтиёз дода, чеҳраи тарҷумонии Ҳасан Ирфонро дар ин ҷода муайян менамуд.

4. Дар адабиётшиносии муосир ва нақди адабӣ забон ва услуби асарҳои тарҷумашуда аз забонҳои гуногуни дунё ҳамеша мавриди танқиди муҳаққиқон қарор дорад. Забон ва услуби асарҳои Ҳасан Ирфонро муҳаққиқ метавонист ҳам дар асарҳои худи адиб ва ҳам дар осори тарҷумонии ӯ бештар бо мисолҳо мавриди баррасӣ қарор медод. Мутаассифона, ин масъала аз нигоҳи муҳаққиқ танҳо аз хулосабарориҳои муҷаррад ҷамъбаст мегардад.

5. Дар бахши ***мубрамии маводи таҳқиқ оид ба*** фаъолияти адабии Ҳасан Ирфон ҳатто ишорае ба назари мо мушоҳида нагардид, вале номи рисола ва ҷараёни таҳқиқ нишон медиҳад, ки муҳаққиқ ба ин бахши фаъолияти адиб бештар имтиёз медиҳад.

6. Муаллиф дар муқаддимаи рисола қайд менамояд, ки повести «Ду ёр аз ду диёр»-ро устод М. Шакурӣ «жанри таърихии инқилобӣ» номидаанд. Бояд дар рисола ин фарзияи устод Муҳаммадҷон Шакурӣ бо далелу санадҳои илмӣ баррасӣ мегардид.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Одинаев Нурмаҳмад Сафарович

«25» майи соли 2023.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.
E - mail: odinaievn@mail.ru
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.

Имзои дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Бухориев Н.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.

« 25 » майи соли 2023